Хулосаи

комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионии **6D-КОА-64** назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзӯи “Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

1.Таҳқиқоти диссертатсионии Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзӯи “Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, муҳим ва актуалӣ буда, тахқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад.

Афзун гардонидани истеҳсолии умумии пахта ва баланд бардоштани ҳосилнокии он бо истифодаи навъҳои нав ва дурагаҳои гетерозисӣ талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноати нассоҷӣ мебошад. Ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисии дохилинамудӣ ва байнинамудии пахта тавассути гардолудкунӣ бо истифода аз оилаҳои занбӯри асал аҳамияти илмию амалӣ дошта, муҳимияти кори диссертатсионии мазкурро ташкил менамояд.

Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодхо, ки барои пешрафти илми кишоварзӣ метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрошуда аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Тавсияҳои илман асоснок бо истифода аз усулҳои мухталиф занбӯри асалро дар гардолудкунии дохилинамудӣ ва байнинамудии навъҳои пахта барои ба даст овардани тухмии дурагаҳои гетерозисӣ истифода намуда, самаранокии иқтисодии занбӯргардолудкуниро дар истеҳсоли тухмиҳои гетерозисӣ муайян ва баҳогузорӣ гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33 - и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогирии масъалаҳои таъмини устувории саноати бофандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона аст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи мавҷуда пурра мувофиқ аст. Диссертатсия дорои навгонии илмӣ буда, натиҷа ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 06.01.05 – селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар конфронсҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Садирова С.С., истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровարда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Садирова С.С., маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 -юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзӯи “Таъсири гардолукунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба Шурои диссертасионии **6D-КОА-64** дар

назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шурои диесертатсионӣ муқарризони расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони мазкур таъйин карда шаванд:

**Абдуламонов Қозимамад** – доктори илмҳои кишоварзӣ, узви вобастаи АМИТ, мудири лабораторияи генетикаю, селексияи растаниҳои Институти биологии Помир.

**Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович** – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи Давлатии Данғара.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи муасисса ва Комиссияи олии атгестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

5. Санаи ҳимоя 08 апрели соли 2023, соати $10^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои кишоварзӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Назиров Ҳ.Н.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои биологӣ,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Абдураҳмонов Н.А.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, Пӯлодов М.

Имзоҳои д.и.к. Назиров Ҳ.Н.,
д.и.б. Абдураҳмонов Н.А. ва
н.и.к. Пӯлодов М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири кадрҳои Институти
зироаткории АИКТ Раҷабзода Ф.Ф.

27.01.2023